# 36943 - Шабро дар Муздалифа гузаронида натавонист

**савол**

Мо шабро дар Муздалифа гузаронида натавонистем, зеро ба ғайр аз роҳ ҷои дигаре наёфтем ва ба касе иҷоза намедиҳанд, ки дар роҳ биистад. Сипас ба Мино рафтем. Оё чизе бар мо лозим аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Ибни Боз гуфтааст:

Агар дар Муздалифа ҷойе наёбад ва ё сарбозон дар он ҷо ӯро аз истодан манъ кунанд, ҳеҷ чизе бар ӯ воҷиб намегардад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَاتَّقُوا اللهَ مَا اسْتَطَعْتُمْ

سورة التغابن: ١٦

**«Пас, он қадар ки тавонед, аз Аллоҳ битарсед».** (Сураи Тағобун: 16).

Аммо агар ин аз сабаби бепарвоӣ бошад, пас бояд забҳ кунад ва (ба сӯи Аллоҳ таъоло) тавба намояд. Поёни сухан.